**САФОРАТИ ЧОПОН ТОҶИКИСТОН**
Шаҳри Душанбе, кӯчаи Х.Назаров, 80/А
Тел: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

From the People of Japan

**EMBASSY OF JAPAN TAJIKISTAN**
80/A, Kh. Nazarov Str., Dushanbe, Tajikistan
Tel.: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

## Изҳороти матбуотӣ

# Ҳукумати Ҷопон «Лоиҳаи такмили таҷҳизоти тиббӣ барои Маркази саломатии №2-и шаҳри Душанбе»-ро дастгирӣ мекунад.

**Душанбе, ТАДЖИКИСТАН**

13 марти соли 2026, имзогузории созишнома оиди татбиқи лоиҳаи нав - «Лоиҳаи такмили таҷҳизоти тиббӣ барои Маркази саломатии №2-и шаҳри Душанбе» дар доираи «Барномаи Ҳукумати Ҷопон оиди кумаки бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ (GGP)» баргузор гардид. Созишнома байни Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, **хонум Кэйко ФУРУТА** ва мудири Маркази саломатии №2 **ҷ-би ЗИКИРЗОДА Абдуҷаббор** ба имзо расид.

Маблағи умумии кумаки бебозгашти аз тарафи Ҳукумати Ҷопон ҷудошуда **154,050 доллари ИМА** ташкил медиҳад.

Ҳадафи ин лоиҳа муҷаҳаз намудани шуъбаи колопроктологияи Маркази саломатии шаҳрии №2, ки ягона шуъба дар ҳамин самт дар шаҳри Душанбе аст, бо видеоколоноскопи муосири истеҳсоли Ҷопон ва таҷҳизоти зарурии ҳамроҳ мебошад.

Дар рафти суханронӣ, **Сафир ФУРУТА** қайд кард, ки технологияҳои пешрафтаи истеҳсоли Ҷопон имкон медиҳанд, ки ташхис ва табобати бемориҳои маъмултарини проктологӣ, ки одамони зиёд аз он азият мекашанд, ба таври назаррас беҳтар гардад. Ҷопон ҳамчун дӯсти хуби Тоҷикистон дар тӯли зиёда аз 30 сол аз замони таъсисёбии муносибатҳои дипломатӣ ба мардуми тоҷик дар соҳаҳои гуногун, бахусус дар соҳаи тандурустӣ, кумак мерасонад.

Дар охирсухан, **хонум Кэйко ФУРУТА** изҳори умедворӣ карданд, ки лоиҳаи мазкур бомуваффақият амалӣ гардида сатҳу сифати зиндагии сокиноне, ки аз тамоми минтақаҳои кишвар ба ин Марказ муроҷиат менамоянд, беҳтар хоҳад кард.

Дар навбати худ, **ҷ-би ЗИКИРЗОДА Абдуджаббор** ба Ҳукумат ва мардуми Ҷопон барои дастгирӣ изҳори миннатдорӣ карданд.

*Кумакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ “GGP” тарҳи Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд мебошад, ки ба мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ, соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин ба созмонҳои ғайридавлатӣ расонида мешаванд. Аз соли 1996 то инҷониб, дар доираи кумакҳои бебозгашти “GGP”* ***474****лоиҳа бо маблағи умумии* ***$39,9****миллион доллари ИМА барои рушди Тоҷикистон амалӣ шудааст.*

*Барои маълумоти бештар роҷеъ ба Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд ба саҳифаи сомонаи зайл назар андозед https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html*





